ACADEMIC RESEARCH IN EDUCATIONAL SCIENCES VOLUME 2 | ISSUE 5 | 2021
ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF) 2021: 5.723
DOI: 10.24411/2181-1385-2021-01061

ВИЖАГИҲОИ ЗАБОНИ ГУФТУГӮИИ ТОҶИКОНИ ХУФАРИИ НОҲИЯИ САРИОСИЁ

Шукурова Азиза Хайруллоевна
Донишгоҳи давлатии Самарқанд

АННОТАТСИЯ

Дар мақолаи мазкур оиди вижагиҳои забони гуфтугӯии тоҷикони хуфарии ноҳияи Сариосиё ва тафовути лаҳҷаву шеваҳои онҳо аз забони адабии имрӯзаи тоҷик маълумот дода шудааст. Мувофиқи қоидаи забони адабӣ ва нутқи умумимиллӣ лаҳҷаи тоҷикони ҳамворзамин ва кӯҳистони ин ноҳияро дар асоси шеваи деҳаи хушманзари кӯҳӣ – Хуфар ба тарзи муқоиса аз назар гузаронидем.

Калидвожаҳо: кӯҳистон, ҳамворзамин, хуфариён, лаҳҷа, шева, шифоҳӣ, халқӣ.

МУҚАДДИМА

Имрӯзҳо мо гувоҳи он мегардем, ки дар саросари кишвари маҳбубамон, яъне Ӯзбекистони ҷаннатмаконамон оид ба пос доштани арзишҳои миллӣ, урфу одатҳо ва омӯхтани шеваю маҳалҳои ҳар як диёр ва таърихи пайдоиши онҳо як қатор тадқиқотҳои илмӣ бурда истодаанд. Мо низ тасмим гирифтем, ки дар бораи яке аз деҳаҳои дурдасти ноҳияи Сариосиё, маҳали кӯҳистонии Хуфар, ки аз маркази ноҳия дар 7 км дурӣ ҷойгир шудааст, маълумот диҳем ва бо баробари ин тафовути лаҳҷаи ин диёрро аз забони адабӣ аён созем...

МЕТОДОЛОГИЯ

Ҷамъомади шаҳрвандии деҳаи Хуфар аз як тараф бо ноҳияи Деҳнав ҳамсарҳад буда, 8-то маҳалла, 19-то деҳаро дар бар мегирад. Аҳолии ин диёр асосан бо чорводорӣ, боғдорӣ, дуредгарӣ, кишоварзӣ ва ҳунармандӣ машғул ҳастанд. Овозаи гӯсфандҳои ҳисории ин ҳудуд бар ҳафт иқлим паҳн гардидааст. Ин сарзамин V аср пеш, яъне 500 сол пеш аз ин ташкил карда шудааст, ки номи он маконро аввалҳо “Бобои Мулло” мегуфтанд. Таърихи пайдоиши ин деҳа мувофиқи ривоятҳо чунин аст: дар дашти домулло Мирак як бой зиндагӣ мекардаст. Рӯзе аз рӯзҳо ӯ говҳояшро гум мекунад. Сипас барои говкобӣ сӯи саҳро роҳ пеш мегирад. Дар аснои ҷустуҷӯ намудани говҳояш бар сарзамини хушобу ҳавое мерасад, ки манзараи хеле зебо дошт. Говҳоро дар ҳамон

ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF) 2021: 5.723
DOI: 10.24411/2181-1385-2021-01061

сарзамин пайдо карда хеле хурсанд мешавад. Зеро 2-3 гов ҳамроҳ пайдо карда 7-8 то шуда, дар як манзили хушбоду ҳаво ва макони сабзу хуррам сайр доранд. Мӯйсафед ба атроф назар карда, пай мебарад, ки ин макон ҳавои дилкашу дилфиреб дорад, ба хокаш назар кунад, ҳосилхез ва деҳқонбоб аст. Ба ин маскан "Хушбаҳр" ном дода, (яъне баҳри хуш, макони хушобу ҳаво) ном гузошта, бо оилаву қавми худ ин ҷойро маскани иқоматӣ интихоб мекунад. Яъне бо кӯшиши ин марди шариф дашти серҳосил ба як маскани ободу хушманзаре табдил меёбад. Оҳиста-оҳиста дар Хуфар аз ҳар куҷо 11-то авлод кӯчида омада макон мекунанд, ки имрӯз ба як деҳаи сераҳолӣ ва муттаҳиду муқими тоҷикнишин табдил ёфтааст. *(мувофиқи нақли сокини муқимии ин деҳа Ҳоҷӣ Муродалӣ Боборачабов).*

НАТИҶАҲО

Аҳолии дар ин ҳудуд иқоматдошта ҳамаашон тоҷикзабон буда, қариб ки лаҳни тоҷикиашонро то имрӯз пурра маҳфуз нигоҳ дошта омадаанд. Лаҳни тоҷикони ҳамворзамини он аз лаҳни кӯҳистон ба куллӣ фарқ мекунанд. Дар лаҳҷаи тоҷикони ҳамворзамин ҳарчанде, ки суханрониашон бар забони адабӣ наздик бошад ҳам, аҳён-аҳён калимаҳои ӯзбекӣ ба назар мерасад, ки ин албатта таъсири муҳиту ҷамъият мебошад. Масалан: тоҷикони ҳамворзамин имрӯзҳо дар лаҳҷаи забони гуфтугӯии хеш калимаҳои ӯзбекии "**айниқса"** (алалхусус, алҳол) ва "**ишқилиб**" (кори карда, ба ҳар ҳол)-ро фаровон истифода мебаранд. Мисол: дар забони адабии тоҷик ҷумлаи ***"Алалхусус,*** *ман аз ин кори ӯ хурсанд шудам"*-ро дар лаҳҷаи тоҷикони ҳамворзамини ноҳияи Сариосиё ба тариқи зайл баён месозанд: **"Айниқса** ман аз ин кори ӯ хурсанд шудам". Ё ин ки дар ҷои дигаре гирем: ҷумлаи "Кори карда имрӯз ҳаво хунук нашавад"-ро меорем. Ба ҷои ибораи **"кори карда**" мардуми ҳамворзамини ин макон дар бисёр ҳолатҳо калимаи ӯзбекии "**ишқилиб"**-ро истифода мебаранд. Масалан: Ба ҷои ҷумлаи *"**Кори карда** имрӯз ҳаво хунук нашаваддия",* ҷумлаи: ***Ишқилиб,*** *имрӯз ҳам ҳаво хунук нашавад-дия"*-ро истифода мебаранд. Боз мо метавонем оиди ин ду калимаи ӯзбекӣ, ки дар лаҳни тоҷикони ин макон серистеъмоланд, мисолҳои зиёде орем. Масалан**:** ***Айниқса****, ин рафтори дағалонаи ӯ ҳозиронро писанд наомад.* Дар ин ҷумла низ ибораи ӯзбекии "**айниқса**" истифода карда шудааст, асли он дар забони адабӣ ба тариқи зайл баён карда мешавад: *Алалхусус, ин рафтори дағалонаи ӯ ҳозиронро писанд наомад.* Ё ин ки "Кори карда имсол ҳосил нағз шавад-дия". Дар лаҳҷаи тоҷикони ҳамворзамини ин диёр чунин баён карда мешавад: *"Ишқилиб, имсол ҳосил нағз шавад-дия"* мегӯянд. Дар

ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF) 2021: 5.723
DOI: 10.24411/2181-1385-2021-01061

лаҳҷаи тоҷикони кӯҳистони хуфарӣ бошад, ин хусусият кам ба назар мерасад. Онҳо ҳарчанде ки лаҳҷавӣ гуфтугӯ дошта бошанд ҳам, калимаҳои ӯзбекиро кам ҳамроҳ мекунанд. Бо ибораи дигар гӯем аҳён-аҳён калимаҳои ӯзбекиро ҳамроҳ мекунанд.

Яке аз фарқиятҳои асосии шеваи хуфариёни ноҳияи Сариосиё аз дигар шеваҳо дар он мебошад, ки дар бисёр мавридҳо онҳо бандаки хабарии “**аст”**-ро дар шакли “**ай**” истифода мебаранд. Масалан, феълҳои хабарии:

1.Дар забони адабӣ	**2.Дар лаҳҷаи хуфариён:**
1. Мерафтааст	**1**. Мерафтай
2. Мехондааст	**2.**Мехондай
3. Мегуфтааст	**3** .Мегуфтай
4. Мерӯфтааст	**4**. Мерӯфтай

талаффуз карда мешавад. Ғайр аз ин дар шеваи хуфариёни ноҳияи Сариосиё истифодаи пешояндҳо низ аз забони адабии тоҷик ва аз лаҳҷаҳои тоҷикони дигар макон тафовути калон доранд. Масалан: пешояндҳои “**ба”, “аз”,** “дар” пас аз калима бо калимаҳои аз худаш пеш часпида меоянд. Масалан:

1)Дар забони адабӣ	2**) Дар лаҳҷаи хуфариён**
1)Дар хона	1) Хонада
2)Дар роҳ	2) Роҳда
3)Дар кӯча	3)Кӯчада
4)Дар мактаб	4)Мактабда
5)Дар деҳа	5)Деҳада

Мисол: Ҷумлаи хабарии: “Ман ба дарс дер мондам”, ба лаҳҷаи хуфариён дар шакли “Ман дарсда дер мондам” ифода карда мешавад. Ё ин ки дар ҷои дигар ҷумлаи: “Ман дар хона нишастагӣ будам”, ба лаҳҷаи хуфариён “Ман хонада шиштем” баён карда мешаванд.

Дар ҷумлаҳои боло пешоянди “**дар**” дар шакли пасванди “**да**” омада истодааст, ки он дар шеваи “**бойсуниён”** ва “**самарқандиён”** дар шакли “ба” ба вазифаи пасоянд меоянд. Масалан:

1) Дар забони адабӣ	**2) Дар лаҳҷаи бойсун ва самарқанд**
1)Ба хона	1) Хонаба
2)Ба кор	2) Корба
3)Ба деҳа	3) Деҳаба
4)Ба мактаб	4) Мактабба ва ҳоказо, ки дар ин бора

бисёр олимон дар тадқиқотҳои илмии хеш мисолҳо овардаанд. Аз ҷумла, яке аз

ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF) 2021: 5.723
DOI: 10.24411/2181-1385-2021-01061

устодони кафедраи забони тоҷикии донишгоҳи давлатии Самарқанд забоншинос, доктори фанҳои филологӣ, А.Хонхӯҷаева дар китоби “Шевашиносии тоҷик” ном рисолаи илмии хеш ин ақидаро ба тариқи зайл иброз кардаанд: “Яке аз хусусиятҳои асосии пешоянди “**ба**”-и забони адабӣ дар он аст, ки он дар шеваи шимолӣ ба вазифаи пасоянд меояд. Мисол: *хонаба, корба, шаҳарба, бозорба, дарсба* ва ғайра.

МУҲОКИМА

Дар шеваи гурӯҳи шимолӣ пешоянд-пасоянди “**да”, “дар**” бо пешоянди “**ба”** ҳаммаъно шуда, сӯй, макон ва замонро ифода мекунад. Дар ин хусус гуфтаҳои забоншинос Н.Маъсумӣ низ қобили қайд аст: “С.Айнӣ дар асарҳои пешазинқилобии худ пешоянди “**дар**”-ро чун воситаи ифодаи сӯй ва ҳаракатро ба таври васеъ ва фаровон истифода бурдааст: Дар мактаб чоштгоҳ мераванд. (С.Айнӣ. “Таҳсиб-ус-сибён”). Дар шеваи гурӯҳи шимолӣ, дар як тартиб омадани пешоянду пасоянд дар як аъзои ҷумла бештар хоси адабиёти классикӣ мебошад. Ҳамин тариқ пешояндҳои мазкур чун дар ҳамаи шеваҳои шимолӣ дар шеваи тоҷикони хуфарии ноҳияи Сариосиё низ роли асосиро мебозанд. Пешоянд ва пасояндҳое, ки дар тамоми шеваҳои забони тоҷикӣ истеъмол меёбанд, асосан инҳоянд: -а, -ра, -да, -нда, -қати, -барин. Масалан: Ман туро аз аввал мешинохтам, дар лаҳҷаи тоҷикони хуфарии ноҳияи Сариосиё *“Ман туя а аввал мешинохтам”* гуфта мешавад. Ё ин ки дар ҷои дигар: *Имрӯз ки ҳамроҳи ман ба бозор меравад*?, дар лаҳҷаи хуфариёни ин диёр чунин гуфта мешавад: “*Имрӯз кӣ манқати бозор мерад*?” ва ҳоказо...

Дар тамоми шеваҳои забони тоҷикӣ роли пешояндҳои номӣ низ ниҳоят калон аст. Ин намуд пешояндҳо бо пасояндҳо дар як таркиб воқеъ мегарданд. Баъзан исмҳое, ки ба вазифаи пешояндҳои номӣ истеъмол мешаванд, чун калимаҳои мустақил ва баъзан чун калимаҳои ёрирасон ба кор бурда мешаванд. Дар шеваи мазкур пешояндҳои номӣ баъзан бо суффикси -о, -ҳо сурат мегирад, ки он ба ҷумла як навъ мансубияти маъноӣ мебахшад. Масалан: *“Гӯсоларо дар назди хона бастааст”.* Ин ҷумларо ба лаҳҷаи хуфарӣ: *“Гӯсолара пеши хона бастай”* мегӯянд, ки ба лаҳҷаи ноҳияи Оҳалики шаҳри Самарқанд хеле шабоҳат дорад. Ё ин ки дар ҷои дигар: *Одамҳоро гуфтам,* дар лаҳҷаи тоҷикони хуфарии ноҳияи Сариосиё *“Одамода гуфтам”* мегӯянд, ки дар лаҳҷаи оҳаликиён низ чунин гуфта мешавад. Танҳо ба ҷои феъли *“гуфтам”* онҳо *“гуфтум”* мегӯянд, ки ин албатта хоси шеваи мардуми ҳамон диёр аст, ки солҳои сол аз забон бар забон гузашта то ба имрӯз нигаҳ дошта шудааст. Яке аз

ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF) 2021: 5.723
DOI: 10.24411/2181-1385-2021-01061

хусусиятҳои хоси шеваи шимолӣ дар он аст, ки ба вазифаи калимаҳои ёридиҳанда бештар калимаҳои дорои маънои аниқ истифода мешаванд: муддат, зарф, давом ва ғайра. Баъзан дар шеваи мазкур пешоянди номии забони адабӣ наздик, аз рӯи вазифа, муродифи пешоянди “пеш” ба шумор меравад, ки он дар лаҳҷаи тоҷикони хуфарӣ низ чунин ифода меёбанд: *“Ба пеши вай намера”, “Пеши занакода рав”.*

ХУЛОСА

Хулоса, тоҷикони хуфарии ноҳияи Сариосиё низ чун тоҷикони дигар гӯшаҳои кишварамон дорои таъриху лаҳҷаи хеш ва эҷодиёти шифоҳӣ-халқии хеш мебошанд, ки дар тӯли асрҳо аз авлод бар авлод гузашта то ба замони имрӯз расидаанд. Ба қадри имкон ҳаракат кардем, ки дар бораи лаҳҷаи хуфариёни ин диёр, истифодаи пешоянду пасояндҳо дар лаҳҷаи хуфариён ва тафовуту фарқияти он аз забони адабии ҳозираи тоҷик ва дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба мушоҳида гирем. Инсон метавонад, дар натиҷаи омӯхтани илми шевашиносӣ бо баробари омӯхтани таърихи диёри хеш, арзишҳои миллӣ ва урфу одатҳои хешро, ки аз аср бар аср, аз насл бар насл мерос мондаанд, маҳфуз дошта онро пос дорад,то наслҳои оянда низ аз онҳо воқиф гарданд. Мақсади мо аз омӯхтани илми шевашиносӣ дар он аст, ки урфу одатҳои миллии қадимаи хешро аз нав зинда гардонда, шеваи маҳалҳои тоҷикнишини ноҳияи Сариосиёро аён намуда, тафовути онҳоро аз забони адабии ҳозираи тоҷик ва шеваҳои дигари тоҷикӣ аён намуда, бар илму фан навгоние дохил намудан аст. То наслҳои оянда низ аз таърихи диёри хеш, ибораҳои лаҳҷавии хеш, эҷодиёти даҳанакии халқи хеш, ки дар гузашта месароиданд, воқиф гарданд ва софиву покизагии миллати хешро ҳамеша ҳифз намуда, забони софи ноби тоҷикии худро бар қадри имкон пос доранд.

АДАБИЁТҲО

1. Ҳомидов Д. Шевашиносии тоҷик. Душанбе: 2006.
2. Эшниёзов М. Вожаноманависӣ ва харитабардории хусусиятҳои лаҳҷавӣ. Душанбе:1999.
3. Ҳомидов Д. Шевашиносӣ. Душанбе: ДМТ, 2016.
4. Бердиқулов Ҳ. Хонхӯҷаева А. Шевашиносии тоҷик. Самарқанд: 2012.
5. М. Эшниёзов . Диалектологияи тоҷик. Қисми 1. Душанбе:1977.
6. Қораев С. Топонимика. Тошкент:2006
7. Ҳомидов Д. Таҳқиқи забоншиносии гидронимҳои мавзеъҳои тоҷикнишини Мовароуннаҳри таърихӣ: автореф...докт...илм...фил...Душанбе. 2018.
8. Сариосиё. Ӯтмиши ва бугуни. Муҳаррир, 2013.